«Тасдиқ менамоям»
Директори Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб
номзади илмҳои техникӣ, дотсент,
Шоҳиён А.Н.
«26» январи соли 2023

# ХУЛОСАИ

Шӯрои олимони факултети иқтисодиёти рақамӣ ва зеҳни сунъии Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб ба диссертатсияи Абдусамадзода Бахтулло Абдулманон дар мавзуи «Шароитҳои педагогии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯии ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.

Абдусамадзода Б.А. факултети кори муоличавии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Синоро соли 2009 хатм намудааст.

Солҳои 2009-2010 интернатура бо ихтисоси «Бемориҳои чашм» дар Беморхонаи вилоятии бемориҳои чашми ш. Кӯлобро хатм намудааст.

Солҳои 2010-2012 табиби бемориҳои чашми Беморхонаи вилоятии ш. Кӯлоб фаъолият намудааст.

Солҳои 2012-2013 омӯзгори “Коллеҷи тибиии ш. Кӯлоб”. Солҳои 2013-2015- муд. кафедраи «Морфологи» -и “Коллеҷи тиббии ш. Кӯлоб”.

Солҳои 2015-2018 -декани факултети шабона ва гурӯҳҳои мақсадноки МДТ “Коллеҷи тиббии ш. Кӯлоб”.

Солҳои 2018-2019 -декани факултети кори ҳамширагии МДТ “Коллеҷи тиббии ш. Кӯлоб”.

Аз соли 2019 то соли 2021 ҷонишини директор оид ба корҳои таълимии МДТ “ Коллеҷи тиббии ш. Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Р.А.” .

Аз соли 2021 то ҳол декани факултети "Кори фарматсевтӣ"-и МДТ "Коллеҷи тиббии ш. Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Р.А. Аз соли 2018 то инҷониб унвонҷӯи кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва забонҳои факултети иқтисодиёти рақамӣ ва зеҳни сунъӣ махсуси Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб.

Роҳбари илмӣ - доктори илмҳои педагогӣ, профессори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Маҷидова Бибиҳафиза.

Диссертатсияи Абдусамадзода Бахтулло Абдулманон дар ҷаласаи васеи кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва забонҳои факултети иқтисодиёти рақамӣ ва зеҳни сунъӣ махсус муҳокима гардида, (протоколи№5 аз 29 декабри соли 2022) сипас барои муҳокима ба ҷаласаи васеи Шӯрои олимони ДТМИК пешниҳод шудааст.

Диссертатсияи мазкур мубрам ва ба талаботи замон мувофиқ буда, дар шароити муосир барои ба таври мақсаднок ва босифату самарабахш ба роҳ мондан ва муайян кардани шартҳои асосӣ ва воситаҳои педагогии истифодаи шароитҳои мусоид барои ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагон муҳим арзёбӣ мегардад.

Муҳаққиқ бо дар назардошти таҳқиқот ва фарзияи пешниҳодгардида вазифаҳои зеринро муайян намудааст:

–асоснок кардани сохтор ва муайян кардани мундариҷаи таълиму тарбияе, ки ба ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандаи хурдсол равона шудааст;

- муайян намудани самтҳои асосии фаъолияти кормандони МТМУ дар фароҳам овардани шароити педагогӣ барои ташаккули фарҳанги тандурустии хонандаи хурдсол;

- муайян ва таҳия кардани меъёрҳои тарзи ҳаёти солим, санҷиши таҷрибавӣ – эксперименталии самаранокии низоми таҳияшудаи технологияҳои тиббӣ.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки:

–- дар сохтори таъмини тандурустии хонандагони мактаб омили педагогӣ ҳамчун омили таркибӣ ба ҳисоб меравад, ки моҳияти он дар тарбияи фарзандон ҳавасмандии устувор барои тарзи ҳаёти солим, дарки моҳияти фарҳанги солим ва тарзи ҳаёти солим мебошад;

-муносибати низомнок ба рушди мундарича ва тадбирҳо оид ба мустаҳкам намудани тандурустии хонандагон татбиқ карда мешаванд;

-шароити ташкилию педагогӣ муайян карда шуданд, ки дар заминаи муносибати низомнок имкон медиҳанд раванди ташаккули тарзи ҳаёти солимро идора кунанд.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот ба даст омада ва хулосаи дар асосҳои он баровардашуда ва ҳамзамон тавсияву маслиҳатҳо оид ба такмили ҷараёни ташаккули тарзи ҳаёти солими мактаббачагони хурдсол бо ёрии роҳу усул ва воситаҳои таъмини муҳити тандурустӣ ва мактаби муосир муайян карда шудааст; дар таҳқиқот ташаккули тарзи ҳаёти солими мактаббачагони хурдсол тавассути банақшагирии технологияи муҳити тандурустӣ аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок гардида, корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба вориднамоии технологияҳои муҳити тандурустӣ дар раванди таълим муайян карда шудааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки натиҷаҳои ба даст омада ва нуктаҳои асосии диссертатсияро метавонанд волидон, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, муассисаҳои томактабӣ ва берунazмактабӣ ҳангоми гузаронидани чорабиниҳо бо истифода аз ташаккули тарзи ҳаёти солим ба сифати дастури методӣ мавриди истифода қарор диҳанд.

Инчунин хулоса ва натиҷаҳои бадаст омада ва тавсияҳои таҳқиқотро метавонанд омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми маърӯзаҳо, курсҳои махсус, семинарҳо истифода баранд. Инчунин маводи диссертатсияро дар дар курсҳои такмили ихтисоси донишкадаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф истифода бурдан мумкин аст.

Натиҷаи корҳои озмоишӣ дар анҷоми ҳар як марҳила таҳлилу ҷамъбаст гардида, автореферрат мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода мекунад.

Ҳамин тавр муқарризон. н.и.п., дотсент, Исоева Д.С., н.и.п., дотсент Ғафоров А. ва иштирокчиёни ҷаласа н.и.п., Наимов У.Т., н.и.п. Шарипов Б.Р., н.и.ф Чоршанбиева З.А. зикр намуданд, ки диссертатсияи анҷомдодаи унвонҷу Абдусамадзода Б.А. дар шароити кунунӣ мубрам буда, паҳлӯҳои таҳқиқнашудаи ҳамкориҳои оила ва мактаб дар ташаккули тарзи ҳаёти солим таҳлилу натиҷагирӣ карда шуда,

масъалаҳои ҳамоҳангсозии фаъолияти оила, мактаб дар ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии мактаббачагони хурдсол, роҳҳои самараноки истифодаи усулҳои пешқадами оилавӣ дар ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии мактаббачагон таҳқиқ карда шудааст.

Автореферат ва мақолаҳои зерини дар нашрияҳои илмии тақризшаванда чоп намудаи унвонҷӯй пурра мазмуни рисоларо инъикос мекунанд:

Мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии ҶТтақризшаванда нашр гаштаанд:

[1-А]. Абдусамадзода, Б.А. Мухити тандурустӣ ва муассисахои тахсилоти миёнаи умумӣ. /Б.А.Абдусамадзода.-Душанбе.-2020.-68с.

[2-А]. Абдусамадзода, Б.А. Асосҳои педагогии таъмини муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим. - Душанбе: «Матбаа», 2022.-159с.

[3-А]. Абдусамадзода,Б.А.Ташаккули тарзи хаёти солим дар хонандагон хамчун масъалаи педагогӣ/ Б.А.Абдусамадзода/Шаёми Донишгохи миллии Точикистон (мачаллаи илмӣ). Силсилаи педагогика (ISSN - 2413-516X), 4/3 (203).-Душанбе: Сино,2020.-С.188-192.

[4-А]. Абдусамадзода,Б.А. Баъзе масъалахои мухити тандурустӣ ва хонандагон/Б.А.Абдусамадзода// Паёми Донишгохи миллии Точикистон (маҷаллаи илмӣ). Силсилаи педагогика (ISSN -2413516X), 4/3 (203).-Душанбе: Сино,2020.-С. 246-250.

[5-А]. Абдусамадзода,Б.А. Шароитхои педагогии ташаккули тарзи хаёти солими хонандагон/ Б.А.Абдусамадзода //Паёми Донишгоҳи миллии Точикистон (мачаллаи илмӣ). Силсилаи педагогика (ISSN -2413516X), 4/3 (203).-Душанбе: Сино,2020.-С.342-346.

[6-А]. Абдусамадзода, Б.А. Талаботҳои асосӣ барои ташкили тарзи ҳаёти солими мухассилин/ Б.А.Абдусамадзода //Паёми Донишгоҳи миллии Точикистон (маҷаллаи илмӣ). Силсилаи педагогика (ISSN -2413516X), 4/3 (203).-Душанбе: Сино,2020.-С.262-266.

[7-А].Абдусамадзода,Б.А. Технологияи ташаккули тарзи ҳаёти солим /Б.А.Абдусамадзода //Паёми Донишгоҳи миллии Точикистон (маҷаллаи илмӣ). Силсилаи педагогика (ISSN -2413-516X), 4/3 (203).- Душанбе: Сино,2020.-С.282-288.

Бо дар назардошти хулосаҳои муқарризон ва пешниҳоду тавсияҳои тиштирокчиён ҷаласаи Шӯрои олимони факултети иқтисодиёти рақамӣ ва зеҳни сунъии Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи илмии унвонҷӯи кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва забонҳои факултети иқтисодиёти рақамӣ ва зеҳни сунъии Донишкадаи технолгия ва менеҷменти иннватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб Абдусамадзода Бахтулло Абдулманон дар мавзуи «Шароитҳои педагогии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ» кори илмии мустақилона бaанҷомрасида, ки дар он муаллиф ба ҳалли вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда ноил шудааст, ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи илмии унвонҷӯи кафедраи фанҳои гумнитарӣ ва забонҳои факултети иқтисодиёти рақамӣ ва зеҳни сунъӣ Абдусамадзода Бахтулло Абдулманон дар мавзуи «Шароитҳои педагогии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ» ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ҷавобгӯ аст.

3. Диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи фанҳои гумнитарӣ ва забонҳои факултети иқтисодиёти рақамӣ ва зеҳни сунъӣ Абдусамадзода Бахтулло Абдулманон дар мавзуи «Шароитҳои педагогии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ» барои ҳимоя дар Шӯрои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Хулоса аз ҷониби котиби ҷаласаи Шурои олимони факултети иқтисодиёти рақамӣ ва зеҳни сунъӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Шарипов Б.Р. мураттаб шуда, таҳти протоколи №6 аз 26.01.2023 қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа 20 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «Тарафдор» - 20 нафар, «Зид» - нест, «Бетараф» - нест. Қарор якдилона қабул кардашуд.

Раиси ҷаласа, раиси Шурои
олимони факултети иқтисодиёти
рақамӣ ва зеҳни сунъии ДТМИК н.и.и. дотсент
Исмоилзода С.Б.

Муқарризон:
н.и.п., дотсент Исоева Д.С.

н.и.п., дотсент Ғафоров А.

Котиби ҷаласа:
н.и.п. дотсент Шарипов Б.Р

Маълумот барои тамос:
735360, ҶумҳурииТоҷикистон, вилояти Хатлон, ш. Кӯлоб, м.Борбад,
ДТМИК кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва забонҳои факултети иқтисодиёти рақамӣ ва зеҳни сунъӣ.

Имзои Исмоилзода С.Б., Исоева Д.С., Ғафоров А.
ва Шарипов Б.Р.- ро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва коргузории ДТМИК Шокиров Қ.Б.